# ҚАРОРИ
## РАЁСАТИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

аз «29» ноябри соли 2016 № 147 ш. Душанбе

**Оид ба тасдиқи Низомнома "Дар бораи Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон"**

Бо мақсади татбиқи самараноки сиёсати пулию қарзии давлат мутобиқи моддаҳои 14 ва 77-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон", Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон

**қарор мекунад:**

1. Низомнома "Дар бораи Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон" тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Ҳайати Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

3. Қарорҳои Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 11 ноябри соли 2009, № 323, аз 15 феврали соли 2010, №36 ва аз 27 майи соли 2011, №106 аз эътибор соқит дониста шаванд.

4. Назорат аз болои иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини якуми Раиси Бонки миллий Тоҷикистон Нуралиев Ҷ.К. гузошта шавад.

**Раиси Раёсат** **Ҷ. Нурмаҳмадзода**

Бо қарори Раёсати Бонки
миллии Тоҷикистон
аз “29” ноябри с. 2016, №147
“тасдиқ шудааст”

Тағйиру иловаҳо бо қарори
Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон
аз “18” октябри с. 2024, № 57
“тасдиқ шудааст”

Тағйирот бо қарори Раёсати
Бонки миллии Тоҷикистон
аз “17”декабри с. 2025, № 161
“тасдиқ шудааст”

# НИЗОМНОМА
# Дар бораи Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон

## БОБИ 1. Муқаррароти умумӣ

1. Низомномаи мазкур мутобиқи моддаи 14-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” таҳия гардида, дар он вазифаҳо ва тартиби фаъолияти Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон (минбаъд – Кумита) муайян карда мешавад.
2. Кумита мақоми мустақили доимамалкунандаи машваратӣ буда, мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, самтҳои асосии Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ва Низомномаи мазкур фаъолият менамояд.

## БОБИ 2. Вазифаҳои Кумита ва ҳайати он

3. Вазифаҳои асосии Кумита:
   - қабули қарор оид ба самтҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ бо мақсади таҳия ва татбиқи самараноки сиёсати пулию қарзӣ, ноилгардӣ ва нигоҳдории сатҳи муътадили нархҳои дохилӣ дар давраи дарозмуҳлат;

- баррасии нишондиҳандаҳои таҳлилии вазъи макроиқтисодӣ, монетарию қурбӣ, муайян кардани вазифа ва нишондиҳандаҳои назоратии татбиқи сиёсати пулию қарзӣ дар давраҳои кӯтоҳмуҳлат ва миёнамуҳлат;

- вобаста ба вазъи ҷории макроиқтисодӣ, вазъи иқтисоди хориҷӣ, омилҳо ва хавфҳои таваррумӣ, инчунин дурнамои нишондиҳандаҳои асосии монетарию макроиқтисодӣ баррасӣ ва қабули қарор оид ба пешбурди ин ё он шакли сиёсати пулию қарзӣ (қатъӣ, муътадил, ҳавасмандона), роҳу усул ва фишангҳои (воситаҳои) татбиқи он; (қарори Раёсати БМТ №161 аз 17.12.25с.)

- тибқи моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" муайян кардани афзалият, зарурият ва тартиби истифодаи фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ бо мақсади пешгирӣ ва бартараф намудани фишорҳои қурбии таваррумӣ, идоракунии нишондиҳандаҳои асосии пулӣ, меъёрҳои фоизӣ, нигоҳдории мувозинатӣ дар бозорҳои пулию асъорӣ ва вазифагузорӣ намудани дигар воҳидҳои сохтории дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати татбиқи онҳо; (қарори Раёсати БМТ №57 аз 18.10.24с.)

- ҳамоҳангсозии фаъолияти воҳидҳои сохторӣ ва дар асоси тартиби муқарраршуда риояи қоидаҳо ҷиҳати осон ва шаффоф гардонидани раванди татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ, тасмим гирифтан ва расидан ба мақсади асосии Бонки миллии Тоҷикистон.

4. Ҳайати Кумита бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон (минбаъд - Раёсат) бо шумораи тоқ тасдиқ карда мешавад. (қарори Раёсати БМТ №161 аз 17.12.25с.)
5. Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Раиси Кумита аст.
6. Ҳангоми бо сабаби узрнок ҳузур надоштани ҳайати Кумита ҷойивазкунии ҳайат бо тартиби зерин анҷом дода мешавад:

   - ҳангоми набудани Раиси Кумита уҳдадориҳои Раиси Кумитаро муовини Раиси Кумита иҷро мекунад; (қарори Раёсати БМТ №57 аз 18.10.24с.)

   - ҳангоми дар як маврид набудани Раис ва муовини раиси Кумита уҳдадории Раиси Кумитаро иҷрокунандаи вазифаи Раиси Бонки миллии Тоҷикистон иҷро мекунад; (қарори Раёсати БМТ №57 аз 18.10.24с.)

   - ҳангоми набудани дигар аъзои Кумита (роҳбарони воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон) уҳдадории онҳоро муовинонашон ва ё шахси онҳоро ивазкунанда иҷро мекунанд. (қарори Раёсати БМТ №57 аз 18.10.24с.)

7. Вазифаи котиби Кумитаро муовини директор - сардори шуъбаи таҳия ва татбиқи сиёсати пулии Департаменти сиёсати монетарӣ, тадқиқотӣ ва рушд ва ҳангоми набудани ӯ иҷрокунандаи вазифаи мазкур (тибқи уҳдадориҳои вазифавӣ) пеш мебарад. (қарори Раёсати БМТ №57 аз 18.10.24с.)

## БОБИ 3. Ташкили фаъолияти Кумита

8. Фаъолияти Кумита дар шакли баргузории ҷаласаҳои он амалӣ мегардад. Ҷаласаҳои Кумита тибқи нақша ҳар семоҳа на кам аз як маротиба баргузор мегарданд.
9. Дар ҳолатҳои ғайричашмдошт вобаста ба вазъи ҷории макроиқтисодӣ ва татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ё бо пешниҳоди ақаллан як узви Кумита, ҷаласаи ғайринавбатии Кумита бо иҷозати Раиси Кумита (ё муовини вай) метавонад гузаронида шавад.
10. Ҷаласаи Кумита дар сурате салоҳиятдор ҳисобида мешавад, агар дар он на кам аз се ду ҳиссаи шумораи аъзои Кумита иштирок намоянд.
11. Аз рӯи масъалаҳои фаврӣ, бо иҷозати Раиси Кумита қабули қарори Кумита бе гузаронидани ҷаласа бо роҳи пурсиши хаттии аъзои он имконпазир аст.
12. Дар ҷаласаҳои Кумита масъалаҳои зерин метавонанд мавриди баррасӣ қарор гиранд: (қарори Раёсати БМТ №161 аз 17.12.25с.)
    - раванди иҷроиши нақшаи Самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи талаботи моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон"; (қарори Раёсати БМТ №57 аз 18.10.24с.)
    - нақша ва барномаҳои дигари қабулгардида ва қарорҳои қабулнамудаи ҷаласаҳои қаблии Кумита; (қарори Раёсати БМТ №57 аз 18.10.24с.)
    - натиҷаҳои истифодаи фишангҳои пулию қарзӣ ва тағйиротҳои бадастоварда аз рӯи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва монетарӣ; (қарори Раёсати БМТ №57 аз 18.10.24с.)
    - таҳкими фишангҳо ва зиёд намудани дараҷаи таъсирбахшии онҳо, пеш аз ҳама ба меъёрҳои фоизии кӯтоҳмуддати бозори байнибонкӣ ва нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ; (қарори Раёсати БМТ №57 аз 18.10.24с.)
    - хавфҳо, омилҳои манфӣ ва мусбати дохилию берунии ҷойдошта, баҳодиҳии вазъ ва мавқеи кунунии сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон; (қарори Раёсати БМТ №57 аз 18.10.24с.)

- дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ, пеш аз ҳама сатҳи таваррум барои давраи оянда бо дарназардошти хавфҳои мавҷуда ва таъсири омилҳои берунию дохилӣ; (қарори Раёсати БМТ №57 аз 18.10.24с.)
- вобаста ба дурнамо таҷдиди назар намудани истифодаи фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ ва параметрҳои асосии амалиётҳои монетарӣ то ҷаласаи дигари Кумита; (қарори Раёсати БМТ №57 аз 18.10.24с.)
- роҳҳои татбиқи самараноки сиёсати пулию қарзӣ дар моҳҳои оянда мутобиқи самтҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ барои соли равон ва дигар ҳуҷҷатҳои барномавии қабулшуда; (қарори Раёсати БМТ №57 аз 18.10.24с.)
- баррасии натиҷаи амалиётҳои дар бозори молиявӣ анҷомдодашуда ва дигар чорабиниҳои моҳҳои сипаригашта; (қарори Раёсати БМТ №57 аз 18.10.24с.)
- ҷамъбасти ҳисоботи иҷроиши нақша ва чорабиниҳои дар ҷаласаи қаблии Кумита тасдиқшуда, қабули нақшаю барномаи чорабиниҳои навбатӣ ҷиҳати анҷоми амалиётҳои Бонки миллии Тоҷикистон дар моҳҳои оянда ва ғайра. (қарори Раёсати БМТ №57 аз 18.10.24с.)

12[1]. Ҳангоми зарурат дар асоси пешниҳоди аъзои Кумита ва розигии Раиси кумита ба мутахассисони соҳа аз дигар воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон ва ё дигар вазорату идораҳои дахлдори кишвар ҷиҳати иштирок дар ҷаласаҳои Кумита (барои пешниҳоди тавсияҳо ва маълумоти иловагӣ) котиби Кумита метавонад даъватнома ирсол намояд. (қарори Раёсати БМТ №57 аз 18.10.24с.)

13. Дар мавриди зарурат аъзои Кумита метавонанд бевосита дар ҷаласа пешниҳодоти фаврӣ манзур намоянд.
14. Котиби Кумита барои таҳияи рӯзнома ва маводи ҷамъбастию иттилоотӣ барои ҷаласаи навбатии Кумита, таҳияи пайнавишти ҷаласаи Кумита ва дигар корҳои ташкилие, ки ба ҳаллу фасли вазифаҳои Кумита алоқаманданд масъул мебошад.
15. Воҳидҳои сохтории Дастгоҳи марказии Бонки миллии Тоҷикистон, ки барои омода намудани масъалаҳои рӯзнома масъуланд, пеш аз рӯзи баргузории ҷаласаи Кумита, ба котиби Кумита маълумоти дахлдор (маводҳои таҳлилӣ оиди моҳияти масъала, роҳҳои ҳаллу фасли он ва маводи иловагии зарурӣ) пешниҳод менамоянд.
16. Котиби Кумита лоиҳаи рӯзномаи ҷаласаро таҳия намуда, онро як рӯз пеш аз баргузории ҷаласа ба аъзои Кумита ирсол менамояд.

## БОБИ 4. Қабули қарорҳои Кумита ва назорати иҷрои онҳо

17. Қарорҳои Кумита бо на камтар аз се ду ҳиссаи овозҳои аъзои дар ҷаласа ҳозирбудаи Кумита қабул мегарданд. Ҳангоми баробар будани овозҳо, овози раисикунандаи ҷаласаи Кумита ҳалкунанда мебошад. (қарори Раёсати БМТ №161 аз 17.12.25с.)
18. Қарорҳои Кумита бо роҳи пурсиши аъзои он ҳангоми розигии хаттии на камтар аз се ду ҳиссаи аъзои Кумита қабул мегарданд.
19. Қарорҳои Кумита бо пайнавишти дахлдор ба расмият даровarда мешаванд.
20. Назорати иҷрои қарорҳои дар Кумита қабулгардида ба зиммаи Раиси Кумита вогузор мешавад.
21. Қарорҳои дар Кумита қабулгардида дар рӯзи баргузории Кумита ба расмият дароварда мешавад. (қарори Раёсати БМТ №161 аз 17.12.25с.)
22. Қарорҳои Кумита баъди имзои онҳо аз ҷониби Раиси Кумита ҳатмӣ мегарданд. (қарори Раёсати БМТ №161 аз 17.12.25с.)
23. Кумита ба Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон ҳар семоҳа мониторинги натиҷаи қарорҳоро пешниҳод менамояд.
24. Резаахбор (пресс-релиз) оид ба қарорҳои Кумита, ки аз ҷониби Раёсат тасдиқ гардидаанд, дар сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон интишор карда мешавад.

## БОБИ 5. Гурӯҳи корӣ оид ба татбиқи сиёсати пулию қарзӣ

25. Бо мақсади татбиқи саривақтии қарорҳои Кумита, гузаронидани амалиётҳои ҷории монетарӣ ва ҳаллу фасли масъалаҳои фаврии дахлдор, дар назди Кумита Гурӯҳи корӣ оид ба татбиқи сиёсати пулию қарзӣ (минбаъд - Гурӯҳи корӣ) ташкил карда мешавад.
26. Вазифаҳои асосии Гурӯҳи корӣ:

    - татбиқи амалиётҳои монетарӣ дар асоси маълумотҳои барои давраи оянда пешбинишуда, аз ҷумла амалиётҳои пулию қарзӣ, асъорӣ ва андозу буҷет;

    - вобаста ба маълумоти мунтазам ҷамъовардашуда муайян кардани сатҳи талаботу таклифот дар бозори пулию қарзӣ ва нишондиҳандаҳои миқдории сиёсати пулию қарзӣ барои давраи оянда, ки раванди татбиқи самараноки сиёсати пулию қарзии тасдиқшударо дар давоми сол таъмин менамоянд.

- ҳамоҳанг сохтани раванди истифодаи фишангҳои татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ;

- баҳодиҳии (дурнамои) сатҳи пардохтпазирии ҷорӣ дар низоми бонкӣ барои давраи оянда;

- тасдиқи нақшаи моҳона оид ба гузаронидани амалиётҳои монетарӣ ва дигар чорабиниҳое, ки иҷроиши нишондиҳандаҳои монетариро барои моҳи навбатӣ таъмин менамоянд; (қарори Раёсати БМТ №57 аз 18.10.24с.)

- ҳамоҳанг сохтани амалиёт дар татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ва сиёсати андозу буҷет.

27. Ҳайати Гурӯҳи корӣ бо фармони Раиси Бонки миллии Тоҷикистон бо шумораи тоқ тасдиқ карда мешавад. (қарори Раёсати БМТ №161 аз 17.12.25с.)
28. Ҷаласаҳои Гурӯҳи корӣ мунтазам ҳар моҳ на кам аз як маротиба баргузор мегарданд. (қарори Раёсати БМТ №161 аз 17.12.25с.)
29. Дар ҷаласаҳои Гурӯҳи корӣ масъалаҳои зерин баррасӣ мегарданд:

- вазъи ҷорӣ ва дурнамои нишондиҳандаҳои монетарӣ, сатҳи пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ ва дар асоси он пешниҳод намудани нақшаи навбатии амалиёти монетарӣ; (қарори Раёсати БМТ №161 аз 17.12.25с.)

- вобаста ба вазъи нишондиҳандаҳои монетарӣ ва сатҳи пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ гузаронидани амалиёти фаврии хариду фурӯши асъори хориҷӣ, барориши коғазҳои қиматнок ва пешниҳоди қарзҳои кӯтоҳмуддат барои танзими пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ. (қарори Раёсати БМТ №161 аз 17.12.25с.)

30. Қарорҳои Гурӯҳи корӣ бо на камтар аз се ду ҳиссаи овозҳои аъзои он қабул мегарданд. Ҳангоми баробар будани овозҳо, овози роҳбари Гурӯҳи корӣ ҳалкунанда мебошад. (қарори Раёсати БМТ №161 аз 17.12.25с.)
31. Аз рӯи масъалаҳои фаврӣ, бо иҷозати роҳбари Гурӯҳи корӣ қабули қарорҳо бе гузаронидани ҷаласа бо роҳи пурсиши хаттии аъзои он имконпазир аст. Қарорҳои Гурӯҳи корӣ бо роҳи пурсиши аъзои он ҳангоми розигии аксарияти аъзои Гурӯҳи корӣ қабул мегарданд.
32. Қарорҳои Гурӯҳи корӣ бо пайнавишти дахлдор, ки аз ҷониби корманди ваколатдори Департаменти сиёсати монетарӣ, тадқиқотӣ ва рушд омода мегардад, ба расмият дароварда мешавад.